**Тақриз**

*ба автореферати диссертатсияи Раҳимзода Бахтиёр Абдулаҳад дар мавзӯи «Шароитҳои геоэкологӣ ва дурнамои рушди сайёҳии экологӣ дар ҳудуди «Резервати биосферии Ромит», ки барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои география аз рӯйи ихтисоси 25.00.36 – геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (25.00.36.02 – Соҳаи илми география) пешниҳод карда шудааст.*

Мавзуи автореферати диссертатсионии *Раҳимзода Бахтиёр Абдулаҳад* аз ҷиҳати мазмун ва моҳияташ актуалӣ маҳсуб меёбад. Пас аз оне, ки аз тарафи ҷомеаи байналмилалӣ эълон намудани "*рушди устувор*" (Саммити умумиҷаҳонӣ, Йоханнесбург, сентябр 2002), яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти Ташкилоти байналхалқии сайёҳӣ ин *туризми экологӣ* мегардад, зеро ҳадафи асосии ин намуди фаъолияти сайёҳӣ низ дар доираи "рушди устувор" роҳандози гашта, истифодаи оқилона ва устувори захираҳои табиро ифода менамояд. Дар ҳудуди кишварҳои Иёлоти Мутаҳидаи Амрико, Австралия, Кения ва баъзан давлатҳои Аврупо диққати сайёҳон ба сайёҳии экологӣ дар ҳудуди паркҳои миллӣ ва дигар оъектҳои ҳудудҳои табии махсус муҳофизатшаванда таваҷҷӯҳӣ махсус зоҳир менамояд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати давлатӣ ба масоили ташаккули рушди устувор ба қарибӣ оғоз карда шуд. Давлат нақши муҳими экотуризмро дар таъмини тарбияи экологӣ ва маърифатнокии аҳолӣ, инчунин дурнамои онро ҳамчун як соҳаи бонуфуз, ки имконияти воридшавии шумораи ҳар чи зиёди сайёҳонро таъмин менамояд, дарк намуд.

Дар Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2025 қайд карда шудааст, ки туризм бояд дар рушди устувори иқтисодиёт тавассути пешниҳоди маблағгузории иловагӣ барои амали шудани барномаҳои ҳифз ва барқарорсозии объектҳои фарҳангӣ, мероси таърихӣ ва табиат, барномаҳои экологӣ, саҳми назаррас гузорад.

Ҳамин тариқ, дар сатҳи давлатӣ дарк намудани ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаи ҳамчун унсури стратегӣ барои рушди туризми экологӣ илман асоснокшунии рушди самараноки фаъолияти сайёҳӣ дар мавзеъҳо, аз нуқтаи назари перспективаи амали намудани фаъолияти экотуристӣ ба миён меояд.

Мавзӯи интихобкардаи *Раҳимзода Бахтиёр Абдулаҳад* аз лиҳози хусусиятҳои худ ҷавобгӯи бандҳои дар боло зикргардида мебошад. Зеро объекти таҳқиқотии автореферати диссертант, ин омӯзиши имкониятҳои

табиӣ-захиравӣ ва таърихӣ-фарҳангии “Резервати биосферии Ромит”-ро ифода намуда, ҳамчун асос рушди туризми экологӣ арзёби мегардад.

Барои амали намудани ин раванди кор *Раҳимзода Бахтиёр Абдулаҳад* дар назди худ м**ақсади** таҳқиқи имкониятҳои рушди туризми экологӣро дар ҳудуди “Резервати биосферии Ромит”, инчунин муайян кардани ҷанбаҳои таъсири мусбати он ҳамчун таҷрибаи иҷтимоии экологӣ дар ҳудуди резерват тавассути такмили механизми идоракунии фаъолияти туризми экологӣ бо коркарди самтҳои рушд ва роҳҳои баланд бардоштани самаранокии он гузоштааст.

Ҳангоми иҷроиши автореферати диссертатсионӣ муаллиф ҳам методҳо ва усулҳои умумиилмӣ ва ҳам махсуси географӣ, географӣ-муқоисавӣ, мушоҳидаҳои экспедитсионӣ-саҳроӣ, таҳлил ва таҷзия, муқоиса, ҷамъбастӣ, таҳлили шарҳӣ ва муносибати системӣ-сохторӣ истифода намуданд, ки ин сифати корро боз ҳам баланд менамояд.

Автореферати диссертатсияи пешниҳодгардиаи *Раҳимзода Бахтиёр Абдулаҳад* дорои як қатор навгониҳои илмӣ буда, навгониҳои мазкур қиммати автореферати диссертатсияро боз ҳам баландтар менамоянд.

Аз он ҷумла:

- Дар мисоли “Резервати биосферии Ромит”, бори аввал қоидаҳои консептуалӣ оид ба туризми экологии ҳудудҳои махсусан ҳифзшавандаи табиии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъсири онҳо ба табиат ва умуман ба имконияти туристию фароғатӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ коркард ва ҷамъбаст карда шудаанд.
- Ба коршоямии ҳудуди “Резервати биосферии Ромит”, ба туризми экологӣ, ки ба имкониятҳои табиӣ-захиравӣ, фарҳангӣ-таърихӣ, криминологӣ, идоракунӣ, инфрасохторӣ, инноватсионӣ, институтсионалӣ, истеҳсолӣ, молиявӣ, истеъмолӣ ва нишондиҳандаҳои дастрасии нақлиёт ва таъминоти соҳаи хизматрасонӣ асос ёфтаанд, баҳои интегралӣ дода шудааст.

Дар маҷмӯъ автореферати диссертатсионии пешниҳодшудаи Раҳимзода Бахтиёр Абдулаҳад сохтори мантиқӣ дошта, он шумораи адабиётҳои зиёдеро истифода бурдааст (173 номгӯй) ва ин аз мукумалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дарак дода, имкон медиҳад, ки аз натиҷаҳои бадастовардашуда чунин хулосабарои намоем.

Муаллифи дар рушди ғояҳои илмӣ ташкили фазои *сайёҳии экологӣ* дар сатҳи миллӣ дар ҳудуди оъекҳои ҲТММ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мисоли “Резервати биосферии Ромит” корҳои зиёде анҷом дода дар ташкил ва рушди

самараноки туризми экологӣ дар марзи мавзеи омузиши саҳми беандоза гузоштааст.

Ҳамаи ин имконият медиҳад, ки рисолаи пешниҳодшудаи *Раҳимзода Бахтиёр Абдулаҳад* дар мавзӯи *«Шароитҳои геоэкологӣ ва дурнамои рушди сайёҳии экологӣ дар ҳудудӣ «резервати биосферии Ромит»,* барои рушди устувори экотуризм», тадқиқоти ба пуррагӣ анҷомдодашуда ҳисоб намуда онро ҷавобгӯи талаботҳои Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рисолаҳои диссертатсионӣ пешниҳодшуда ҳисоб намуда муаллифи корро сазовори гирифтани унвони илмии номзади илмҳои география аз рӯи ихтисоси 25.00.36 – геоэкология ҳисоб намоем.

Саромӯзгори кафедраи иқтисодиёти
Донишгоҳи инноватсия ва
технологияҳои рақамӣ: Бобоев Н.Д.

Имзои Бобоев Н.Д. - ро
тасдиқ мекунам сардори
РК-и ДИ ва ТР: Шокиров Қ.

Суроғаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 735360,
ш. Кӯлоб, маҳаллаи Борбад
Тел. (+992 3322) 2-13-67.
Email: dtmik@list. tj

21 – уми июли соли 2025